**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Дар муҳити илмӣ, воҳидҳои фразеологиро хазинаи ганҷинаи бебаҳои манбаи дониши забонӣ меноманд, чунки дар симои воҳидҳои фразеологӣ на танҳо хусусиятҳои мухталифи забони ҳозира, балки хусусиятҳои луғавию семантикии забони бостон: калимасозӣ, роҳҳои ташаккулёбии таркибҳои фразеологӣ ва таҳаввулоти забонро мушоҳида намудан мумкин аст.

Пажӯҳиши ин соҳа басо муҳим буда, имкон медиҳад, ки бо вижагиҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ аз наздик шинос шавем.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшуда, дараҷаи омӯзиши он, методи таҳқиқ, навовариҳо, аҳамияти илмию амалӣ, нукоте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дигар бахшҳои анъанавӣ маълумот дода шудааст.

Дар боби якуми рисола «Воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» ва се фасли он “Маълумоти мухтасар дар бораи воҳидҳои фразеологӣ”, “Ибораҳои рехта дар забони тоҷикӣ” ва “Ибораҳои рехта дар забони фаронсавӣ” доир ба воҳидҳои фразеологӣ маълумоти мухтасар дода шудааст ва инчунин, дараҷаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби мазкур Бойматова Д. М. қайд мекунад, ки таркиби фразеологии забон қисмати бевоситаи фарҳанги ҳар як халқ буда, махзани махсуси маънавии он ба ҳисоб меравад. Истифодаи оқилона ва бамавриди воҳидҳои фразеологӣ ҳам нутқи гуфтугӯӣ ва ҳам асарҳои адабӣ-бадеиро зебо ва пурмазмун мегардонад.

Боби дуюми диссертатсия «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ дар муқоиса ба тарҷума ва нашри фаронсавии он» ном дошта, аз фаслҳои “Таърихи

навишта шудани романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ”, “Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва муқоисаи онҳо дар забони фаронсавӣ”, “Таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ»” иборат аст ва дар он унвонҷӯ ба таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ» ва тарҷумаи фаронсавии он пардохтааст.

Дар боби зерин муаллиф чунин хулоса бардоштааст, ки романнависи муосири тоҷик Ҷалол Икромӣ аз ҷумлаи он нависандагонест, ки дар асарҳои худ аз ибораҳои рехта бамаврид истифода бурдааст. Ва дар идомаи гуфтаҳои худ қайд мекунад: тарҷумони хуб он аст, ки ба маънии ибораи рехта хуб сарфаҳм рафта, бо тарҷумаи хуб моҳияти ибораи рехтаро ба хонанда расонида тавонад. Тарҷумони фаронсавии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ низ кӯшиш ба ҳарҷ дода, то ҳадди имкон аз уҳдаи тарҷумаи ибораҳои рехта баромадааст.

Бойматова Д. М. боби сеюми диссертатсияашро «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю дар муқоиса ба тарҷумаи тоҷикии он» номгузорӣ карда, дар фаслҳои он кӯшидааст, ки воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю, монандӣ ва гуногунии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро дар намунаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва «Бегона»-и Албер Камю нишон диҳад.

Дар хулосаи диссертатсия мухаққиқ нуктаҳои асосии таҳқиқотро ёдрас шуда, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Аз мазмуну муҳтавои кор, феҳристи адабиёти илмӣ аён мегардад, ки унвонҷӯ аз адабиёти илмӣ пурсамар ва эҷодкорона истифода намудааст.

Бо вуҷуди он, дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест:

1. Хуб мешуд, дар рисола асрҳо бо рақамҳои римӣ ишора шаванд, на бо ҳарф (саҳ. 16).

2. Дар фишурдаи рисола ғалатҳои имлоиву китобатӣ ба назар мерасанд (саҳ.8, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16...)

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин камбудиҳо ислоҳшавандаанд ва қимати илмии рисоларо паст карда наметавонанд. Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур назаррасанд ва муаллифи рисола дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии соҳаи фразеология ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст. Бояд қайд кард, ки диссертатсияи мавриди назар дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва

фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Бойматова Дилрабо Меликмуродовна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Калонова Маҳина Ҷумъабоевна
н.и.ф., омӯзгори кафедраи забони тоҷикии
МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино"
Суроға: ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ,
к. Ҳ.Шерозӣ, 7, тел: (+992) 92 791 10 91
Email: m.kalonova@mail.ru

Имзои Калонова М.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ "ДДТТ
ба номи Абӯалӣ Ибни Сино" Абдуллоев С. М.